**Саволҳо аз фанни эпидемиология барои имтиҳони давлатии хатмкунандагони факултети тиббӣ-профилактикӣ**

1. Эпидемиология – ҳамчун фанни тиббӣ. Тавсифи эпидемиологияи умуми ва хусусӣ.
2. Мақсад ва вазифаҳои фанни эпидемиология.
3. Тавсифи «ҷараёни эпидемикӣ» ва се марҳилаи он.
4. Бемориҳои сироятие, ки ба антропонозҳо дохил мешаванд, номбар ва тавсиф намоед.
5. Бемориҳои сироятие, ки ба зоонозҳо дохил мешаванд, номбар ва тавсиф намоед.
6. Бемориҳои сироятие, ки ба сапронозҳо дохил мешаванд, номбар ва тавсиф намоед.
7. Механизм ва роҳҳои гузариши барангезандаҳои бемориҳои сироятӣ.
8. Спорадия, хуруҷ, эпидемия ва пандемия-ро тавсиф диҳед ва мисолҳо оред.
9. Кадом бемориҳои сироятиро эндемикӣ ва экзотикӣ ном мебаранд.
10. Тавсифи роҳҳо ва омилҳои гузариши бемориҳои сироятӣ
11. Сарчашмаи эпидемӣ ва сарҳади он чист? Таъриф намоед.
12. Аҳамияти эпидемиологии манбаи сироят.
13. Фаҳмиши «бактериянигоҳдоранда»-ро (ҳомил) шарҳ диҳед.
14. Давраҳои бемориҳои сироятӣ ва аҳамияти эпидемиологии онҳоро номбар намоед.
15. Фазаҳои механизми гузариши бемориҳои сироятиро номбар намоед.
16. Намудҳои механизми гузариши бемориҳои сироятиро номбар ва тавсиф намоед.
17. Хусусиятҳои барангезандаро номба ва тавсиф намоед.
18. Хабарномаи фаврӣ чист? Қоидаҳои пешниҳоди он.
19. Роҳҳои гузариши механизми ҳавогию-ғатраги-ро номбар намоед
20. Роҳҳои гузариши механизми трансмиссивиро номбар намоед.
21. Роҳҳои гузариши механизми тамоси-ро номбар намоед. Мисолҳо оред.
22. Роҳҳои гузариши механизми фекалӣ-оралӣ-ро номбар намоед
23. Талаботҳои асосие, ки дар маводҳои дезинфексионӣ талаб карда мешавад номбар намоед.
24. Чорабинии пешгирикунандаро таъриф диҳед.
25. Чорабинии зиддиэпидемикиро таъриф диҳед.
26. Карантин чист?
27. Обсерватсия чист?
28. Дезинфексия чист? Намуд ва усулҳои дезинфексияро номбар кунед.
29. Намудҳои назорати дезинфексияро номбар ва тавсиф диҳед.
30. Дезинфексияи пешгирикунанда чист, дар кухо ва аз тарафи кӣ гузаронида мешванд?
31. Дезинфексияи манбавӣ чист, дар куҷо ва аз тарафи кӣ гузаронида мешванд?
32. Дар кадом вағт ва аз тарафи кӣ дезинфексияи ҷамбасти (хотимавӣ) гузаронида мешванд?

33. Талаботҳое, ки ба маводҳои кимиёвии безараркунӣ пешниҳод карда мешаванд , номбар намоед.
34. Дезинфексияи хориро тавсиф намоед. (кӣ, дар куҷо ва мӯҳлати гузаронидан).
35. Дезинфексия-ро ва стерилизатсия-ро таъриф диҳед. Фарқияти дезинфексия аз стерилизатсияро номбар намоед.
36. Репеллентҳо чист ва дар кадом вакт истифода бурда мешванд.
37. Усули физикии дезинфексияро тавсиф диҳед.
38. Дезинсексия чист ва усулҳои он.
39. Маводҳо ва усулҳои дератизатсияро номбар намоед.
40. Усулҳои механики ва химиявии дератизатсияро тавсиф диҳед.
41. Кадом намуди чорабиниҳои дератизатсиониро медонед? Онҳоро шарҳ диҳед.
42. Маводҳои кимиёвӣ, ки ҳангоми дератизатсия истифода бурда мешавад.
43. Усулҳои стерилизатсияро номбар ва тавсиф диҳед.
44. Намудҳои назорати стерилизатсияро номбар намоед
45. Марҳилаҳои тозакунии пешазстерилизатсияро номбар намоед
46. Маъсуният ва намудҳои онро таъриф диҳед.
47. Нишондодҳо ва ғайринишондодҳо барои эмгузаронӣ.
48. Масъунияти баъдиэмкуни чист? Мисолҳо оред.
49. Масъунияти табии ва сунъи чист? Намудҳояшро номбар намоед.
50. Тағвими Милли эмгузарони ҶТ соли 2020 тасдиқшуда.
51. Аҳамияти эпидемиологии зардобахо ва гаммаглобулинҳо.Мисолҳо оред.
52. Бактериофаг ва интерферонро тавсиф диҳед.
53. Эмгузаронӣ бар зидди гепатити вирусии намуди В дар байни калонсолон. Муҳлат ва намуди вориднамоӣ.
54. Реаксияи организмро баъди эмкунӣ номбар кунед.
55. Талаботҳо барои нигохдории маводҳи иммунобиологиро номбар намоед.
56. Қоидаҳои нигоҳдории маводҳои бактериалӣ.
57. Ба кӯдаки сини то 2-моҳагӣ кадом ваксинаҳоро бояд ворид кард?
58. Ба кӯдаки сини то 4-моҳагӣ кадом ваксинаҳоро бояд ворид кард?
59. Ба кӯдаки сини то 12-моҳагӣ кадом ваксинаҳоро бояд ворид кард?
60. Ба кӯдаки сини то 16-22-моҳагӣ кадом ваксинаҳоро бояд ворид кард?
61. Ба кӯдаки сини 6 сола кадом ваксинаҳоро бояд ворид кард?
62. Омилҳои иҷтимоие, ки ба инкишофи раванди эпидемикӣ таъсир мерасонанд, тавсиф диҳед;
63. Омилҳои табииро, ки ба инкишофи раванди эпидемиявӣ таъсир мерасонанд, тавсиф диҳед
64. Манбаи сироят чист?
65. Механизмҳои интиқоли барангезандаҳои сироятиро номбар кунед, мисолҳо оред.

66. Роҳҳои интиқоли бангезандаҳои сироятиро номбар кунед, мисолҳо оред.
67. Роҳи обии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
68. Роҳи ғизогии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
69. Роҳи тамосӣ-маишии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
70. Роҳи аспиратсионии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
71. Роҳи парентералии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
72. Роҳи ҷинсии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
73. Роҳи гематогении интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
74. Роҳи вертикалии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
75. Омилҳои биотикии интиқолро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
76. Омилҳои абиотикии интиқолиро тавсиф диҳед, мисолҳо оред.
77. Ҳудуди манбаи эпидемияро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст.
78. Механизми интиқолро тавсиф диҳед?
79. Роҳҳои гузариш ва омилҳои гузаришро шарҳ диҳед?
80. Организми ҳассосро тавсиф диҳед?
81. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳомили солим. Мисолҳо оред.
82. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳомили транзиторӣ. Мисолҳо оред.
83. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳомили шадид. Мисолҳо оред.
84. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳомили музмин. Мисолҳо оред.
85. Давраи инкубатсионӣ ва аҳамияти эпидемиологии онро тавсиф намоед
86. Давраи продромӣ ва аҳамияти эпидемиологии онро тавсиф намоед
87. Давраи авҷи зуҳуроти клиникӣ ва аҳамияти эпидемиологии онро тавсиф намоед
88. Ахамияти эпидемиологии категорияхои гуногуни беморон
89. Зухуроти чараёни эпидемия
90. Давраи барқароршавӣ(сиҳатшавӣ) ва аҳамияти эпидемиологии онро тавсиф намоед
91. Бемории вараҷаро тавсиф диҳед ва барангезандаҳои вараҷаи одамиро шарҳ диҳед.
92. Хусусиятҳои ҷараёни эпидемикӣ ҳангоми вараҷа
93. Чорабиниҳои пешгирикунанда ҳангоми вараҷа
94. Химиопрофилактика ҳангоми вараҷа
95. Назорати эпидемиологии вараҷа
96. Роҳҳои гузариши бемории вараҷаро номбар ва шарҳ диҳед.
97. Маводҳои инфиродии муҳофизатиро аз ҳуҷуми хомушакҳо номбар ва шарҳ диҳед.
98. Намудҳои пашшаи намуди Анофелес, ки дар Тоҷикистон хос аст шарҳ диҳед.
99. Омилҳое, ки ба инкишофи ҷараёни эпидемикии бемории вараҷа дар Тоҷикистон мусоидат менамояд, номбар намоед.

100. Хусусиятҳои ҷараёни эпидемикии гулузиндонак дар Тоҷикистон.
101. Чорабиниҳои пешгирикунанда ҳангоми гулузиндонак
102. Назорати эпидемиологии гулузиндонк
103. Аҳамияти эпидемиоглогии манбаи сирояти гулузиндонак.
104. Роҳҳои гузариши бемории гулӯзиндонакро тавсиф диҳед.
105. Чорабиниҳои зиддиэпидемики дар сарчашмаи сирояти гулӯзиндонак.
106. Нишондодҳои эпидемиологии муоинаи бактериологиро ҳангоми гулӯзиндонакро номбар намоед
107. Нишондодҳои ташхисиива пешгирикунанда барои гузаронидани муоинаи бактериологӣ гулӯзиндонак.
108. Бемории исҳоли хунинро тавсиф диҳед.
109. Хусусиятҳои ҷараёни эпидемикӣ ҳангоми исҳоли хунин
110. Чорабиниҳои пегирикунанда ҳангоми исҳоли хунин.
111. Чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ дар лонаи эпидемикӣ ҳангоми исҳоли хунин
112. Қоидаҳои ҷавобшавии сиҳатшудагон аз бемории тифи шикам.
113. Чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ, ки нисбати манбаи сироят ҳангоми тифи шикам, ки дар сарчашмаи сироят гузаронида мешаванд, номбар намоед.
114. Чорабиниҳои зиддиэпидемики дар сарчашмаи сирояти тифи шикам, номбар намоед.
115. Чорабиниҳои пешгирикунанда ҳангоми сирояти тифи шикам.
116. Хусусиятҳои эпидемиологии тифи шикам-ро номбар намоед.
117. Механизм ва роҳҳои гузариши тифи шикамро номбар намоед.
118. Профилактикаи бемориҳои киҷасорӣ.
119. Бемории тифи шикамро тавсиф диҳед ва аҳамияти эпидемиологии он.
120. Хусусиятҳои ҷараёни эпидемикӣ ҳангоми брутселлёз
121. Чорабиниҳои пегирикунанда ҳангоми брутселлёз
122. Чорабиниҳои зиддиэпидемӣ ҳангоми бемории сироятии брутселлёз.
123. Чорабиниҳои зиддиэпидемики нисбати механизми гузарш ҳангоми гепатити вирусии А.
124. Хусусиятҳои эпидемиологии ҳангоми гепатитҳои А ва Е
125. Хусусиятҳои эпидемиологии гепатии В ва С .
126. Ахамияти эпидемиологии манбаҳои сирояти гепатити вирусии А-ро номбар намоед.
127. Ахамияти эпидемиологии манбаҳои сирояти гепатити вирусии В-ро номбар намоед.
128. Хусусиятҳои ҷараёни эпидемикӣ ҳангоми бемории сироятии табларзаи хунини Қримӣ.
129. Чорабиниҳои пегирикунанда ҳангоми бемории сироятии табларзаи хунини Қримӣ
130. Аҳамияти эпидемикии манбаи сироят ҳангоми бемории сироятии табларзаи хунини Қримӣ.
131. Чорабиниҳои зиддиэпидемики дар сарчашмаи сирояти гепатитҳои В ва С.
132. Хусусиятҳои ҷараёни эпидемики ҳангоми сирояти менингококкӣ.

133. Чорабиниҳои зиддиэпидемики ҳангоми муайян намудани шахси бемор дар сирояти менингококкӣ.
134. Хусусиятҳои ҷараёни эпидемикӣ ҳангоми вабо
135. Чорабиниҳои пешгирикунанда ҳангоми вабо
136. Чорабиниҳои зиддиэпидемики ҳангоми ошкор намудани бемор бо сирояти «вабо» дар шароити маркази саломатӣ.
137. Хусусияти ҷараёни эпидемикӣ ҳангоми сирояти менингококкӣ
138. Чорабиниҳои профилактики ҳангоми сирояти менингококкӣ.
139. Раванди эпидемикии сирояти ВНМО-ро тавсиф намоед.
140. Аҳамияти эпидемиологи ва хусусиятҳои сирояти ВНМО.
141. Манбаи сироят ҳангоми сирояти ВНМО ва ахамаияти эпидемиологии он.
142. Аҳамияти эпидемиологии роҳҳои гузариш ҳангоми сиояти ВНМО.
143. Чорабиниҳои зиддиэпидемикие, ки ба манбаи сирояти ВНМО равон карда шудааст, номбар намоед.
144. Rоидаҳои бехатарии кормандони тиб аз сирояти ВНМО.
145. Аҳамияти гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳангоми сирояти ВНМО.
146. Марҳилаҳои инкишофи эпидемияи сирояти ВНМО-ро номбар намоед.
147. Стратегияи ЮНЭЙДС «90-90-90»
148. Хусусиятҳои эпидемикии сирояти нави короновирусро шарҳ диҳед.
149. Чорабиниҳои махсус ва ғайримахсус ҳангоми сирояти нави короновирус
150. Чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ дар лонаи эпидемикӣ ҳангоми сирояти нави короновирус

И.в. мудири кафедраи эпидемиология
ба номи профессор Рофиев Ҳ.Қ., д.и.т Усманова Г.М